Мувофиқа карда шуд:
Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти
Мақомоти санҷишӣ
______________________________
аз «21» декабря с.2023
Протоколи № 13

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон
______________ О. Хоҷазода
аз «02» 01 соли 2024

**Номгӯи саволҳои назоратӣ оид ба санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи геодезӣ ва харитсозӣ.**

1.1.Номгӯи субъекти хоҷагидор. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва оинномаи тасдиқшудаи субъекти хоҷагидор. Кадом намуди корҳо ва дар кадом ҳаҷм аз ҷониби субъекти хоҷагидор иҷро карда мешаванд. Мавҷудияти иҷозатнома (литсензия) аз Раёсати бозрасии назорати давлатии геодезии делимитатсия ва демаркатсияи сарҳад (минбаъд Раёсати бозрасӣ) оид ба ҳуқуқи иҷрои корҳои топографӣ – геодезӣ ва харитасозӣ ному насаби шахси роҳбарикунанда, ҳайати комиссия, санҷиш дар ҳузури ки гузаронида шудааст. (ному насаб, вазифа);

2. Сохтори ташкили (гурӯх), ки корҳои геодезӣ, харитасозӣ ва муҳандисию лоиҳакаширо иҷро мекунад. Шумораи мутахассисоне, ки ба таври доими дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар субъекти хоҷагидор кор мекунанд ва шумораи коргароне, ки дар асоси шартнома кор иҷро мекунанд, аз кадом ташкилот будани онҳо;

3. Дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки таҳия ва нашри харитаҳо, нақшаҳо, атласҳоро тартиб ва чоп мекунанд дар вақти санҷиш ба Раёсати бозрасӣ пешниҳод намоянд;

4. Асоси иҷрои корҳои геодезӣ, харитасозӣ оид ба таҳияи нақшаҳо ва атласҳо;

5. Истифодабари системаи позитсионикунонӣ (GPS, нивелир ва тахеометр) ва ҳуҷҷатҳои онҳо;

6. Иҷроиши банди 13-и Низомномаи Раёсати бозрасии назорати давлатии геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7. Мавҷудияти маълумот ва маводҳои топографӣ, геодезӣ, харитасозӣ, муҳандисию лоиҳакашӣ ва базаи маълумотҳо (аз ҷумла каталогҳои координатҳо). Шумора ва миқёси онҳо;

8. Санҷиши пурра ё интихобии харитаҳо;

9. Таъминот бо таҷҳизоти геодезӣ ва воситаҳои дигари зарурӣ. Мавҷудияти дафтари баҳисобгирии техникии воситаҳои ченкунӣ, шиносномаҳо (формулярҳо) ба ҳар як намуди воситаи ченкунӣ ва ҳуҷҷатҳо доир ба санҷишҳои ченкунӣ, таҳқиқ ва таъмири онҳо.

10. Агар таҷҳизот ба иҷора гирифта шуда бошад, номи ташкилоте, ки аз он иҷора гирифта шудааст;

11. Мавҷудияти бойгони барои нигоҳдории маводҳои топографӣ, геодезӣ, харитасозӣ, заминсозӣ ва лоиҳакашӣ;

12. Таъминот бо утоқҳо (бойгонӣ) барои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо. Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба нигоҳдорӣ ва маводҳои бойгонӣ мувофиқ будани утоқе, ки дар он ҳуҷҷатҳо ва маводҳои геодезӣ, харитасозӣ ва заминсозӣ мавҷуд мебошад;

13. Тамоми ҳуҷҷатҳои иҷрошудаи оид ба корҳои геодезӣ ва харитасозӣ таҳия ва нархгузорӣ карда мешавад аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи геодезӣ назорати нархнома (смета) дар асоси НАҚ-2015 назорат карда мешавад;

14. Ҳаҷми корҳои иҷрошудаи геодезӣ, харитасозӣ, заминсозӣ, кадастрӣ ва муҳандисию лоиҳакашӣ дар солҳои гузашта ва соли ҷорӣ;

15. Қабули корҳои геодезӣ, харитасозӣ, заминсозӣ, кадастрӣ ва муҳандисию лоиҳакашӣ дар рафти иҷроиши онҳо, мавҷудияти санадҳои назоратӣ ва қабули корҳо, сифати табдилдиҳии онҳо;

16. Мавҷудияти дастурҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки зимни иҷроиши корҳои геодезӣ ва харитасозӣ;

17. Мавҷудият, истифодабарӣ ва таҳияҳои харитаҳои топографӣ, заминистифодабарӣ ва кадастрӣ, китоби бақайдгирӣ онҳо;

18. Иҷроиши банди 12 моддаи 11-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи геодезия ва харитасозӣ»;

19. Назорати таҳияҳои парвандаҳои заминсозӣ, ки корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳо иҷро мекунанд;

21. Таҳияи дурусти нақша дар шиносномаҳои техникӣ ва мутобиқати он дар маҳал;

22. Баамалбарории (разбивка) лоиҳа дар аксҳои топографӣ ва гузаронидани хаттӣ сурх (красная линия) дар лоиҳаҳо;

23. Қабули аксҳои топографӣ барои корҳои лоиҳакашӣ

24. Оид ба ҳар як иншоот ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда шаванд;

- шартномаҳо барои иҷроиши корҳо;
- барнома (харҷнома, супориши техникӣ ва нишондод) барои иҷроиши онҳо;
- таъиноти аксбардориҳои дар иншоот гузаронидашуда, мавҷудияти иҷозатнома (литсензия) барои иҷроиши корҳо;
- системаи координатҳо ва баландиҳои дар иншоот қабулкардашуда, бо ки мувофиқа карда шудаанд, маълумотҳои аввалин аз куҷо дастрас шудаанд;
- усулҳои ташкилдиҳии шабакаи аксбардории геодезӣ дар иншоот. Нишондодҳои техникии ба даст овардашуда: дарозии калонтарини равиш, номувофиқатии хатҳо, хатогии нисбӣ. Мустаҳкунии нуктаҳои асосҳои аксбардорӣ, шумораи нуктаҳои муқарраршуда;
- асосҳои микёсҳои қабулшудаи аксбардориҳои топографӣ ва баландиҳои буриши релеф, дараҷаи мураккаби онҳо;

- маълумотҳои коркарднашуда;

- баҳодиҳии аниқии аксбардориҳои топографӣ аз рӯи нишондодҳои ченкуниҳои назоратӣ;

- сифати тартибдиҳӣ, нақшакашӣ ва барасмиятдарории нақшаҳои аксбардориҳои топографӣ, формулярҳо ва мувофиқакунонии варақаҳои нақшаҳо;

- мувофиқатии ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ бо талаботи дастурамалҳо;

- мувофиқакунонии харчномаҳо ва ҳаҷми корҳои иҷрошуда, мутобиқи моддаи 676-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- риояи тартиби супоридани ҳуҷҷатҳо ва маводҳо оид ба объектҳои ба итмомрасонидашуда ба бойгонӣ ва Фонди геодезӣ ва харитасозӣ.